# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Сафарзода Мунир Ватан** дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Мусаллам аст, ки андрогогика яке аз бахшҳои бисёр ҷолиб ва муҳим дар педагогикаи муосир аст. Ин соҳа ба омӯзиши хусусиятҳо, қонунмандӣ ва принсипҳои таълими калонсолон машғул буда, имрӯз дар шароити воқеӣ аҳамияти хеле калон пайдо карда истодааст. Одатан калонсолон таҷрибаи зиндагиашонро ба раванди таълим хуб мувофиқат ва роҳандозӣ мекунанд. Онҳо бештар ба омӯзиши амалӣ, натиҷаҳои фаврӣ ва татбиқи дониш шавқманданд.

Завқу ҳавас ва иштиёқи (мотивация) онҳо одатан аз ботин сарчашма мегирад ва дар самти рушди инфиродӣ, ташаккули маҳорат ва малака, эҳтиёҷу рушди касбӣ онҳо ҳамеша пешрав ва муваффақ шуданро дӯст медоранд. Калонсолон инчунин хуб медонанд, ки ҷараёни омӯзиш бояд дар заминаи ҳамкорӣ, муколама ва мустақилият ташаккул ва такмил ёбад.

Аз ин лиҳоз, мавзуе, ки унвонҷӯй Сафарзода Мунир Ватан интихоб кардааст, дар шароити муосири рушди ҷомеа муҳим ва мубрам буда, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, таҳаввул ва рушди соҳаи маориф, илм ва техника, аз ҷумла, дар бахши таҳсилоти калонсолон аҳамияти муҳимми амалӣ пайдо мекунад.

Дар самти илмии интихобкарда нақши таҳсилоти калонсолон дар садаи 21 дар саросари ҷаҳон дар робита ба воридшавии фаъоли калонсолон ба фазои таълиму тарбия, дарки амиқи равандҳои инноватсионӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Тавре унвонҷӯ дар рисола изҳор медорад, ислоҳоти соҳаи маориф ҳамчун ҷузъи пешбарандаи ҷомеа пеш аз ҳама ба сифати нави фаъолияти педагогӣ ва тағйир додани шуури шахсоне, ки ба ислоҳоти маориф нигоҳи тоза доранд.

Дар иртибот ба гузариш аз таълими анъанавӣ ба низоми ба шахсияти муҳассил нигаронидашуда фаъолияти омӯзгори фаъол ва эҷодкор, ки афзалиятҳои фаъолияти касбӣ ва рушди худро мустақилона муайян карда тавонад, мақоми хосро ба ичро мерасонад. Аз рӯйи мӯҳтавои ин гуфтаҳо ҳақ бар ҷониби довталаб мебошад. Зеро бе тарбияи омӯзгори бомаърифат, дорои малакаҳои равонӣ, педагогӣ, методӣ, муошират, таҳлил ва эҷодкор ба ҷомеаи муосири зудтағйирёбанда мутобиқ шудан мушкил аст.

Довталаб дар рисола принсипҳои асосии андрогогикаро оид ба пайваста ниёз доштан ба омӯзиш ва дониш дар заминаи таҷрибаи ҳаётӣ ҳамчун манбаи маърифат ва хирад, равиши омӯзиш барои ҳалли масъалаҳои амалӣ, мотиватсияи дохилӣ, ки аз ангезаҳои шахсӣ, худтакмилдиҳӣ, касбият сарчашма мегирад, мавриди баррасӣ ва халлу фасл қарор додааст

Дар ҳар бобу фасли рисола назари муаллиф нисбат ба таълими калонсолон мушаххас ва бо мисолҳои амиқу саҳеҳ баён ёфтааст. Аз нигоҳи муаллиф ҷомеа, ки пайваста дар раванди таҳаввул ва густариши масъалаҳои гуногуни ҳаёту зиндагӣ аст, калонсолонро водор месозад, ки доимо дар парвариши маҳорату малакаҳои нави касбӣ бошанд. Алъон, чуноне ки унвонҷу иброз медорад, омӯзиши анъанавӣ ба талаботи муосир на ҳамеша мутобиқ ва мувофиқ амал мекунад. Имрӯз раванди таҳсил чандир, фаъол ва самаранок бояд бошад. Барои омӯзиши калонсолон устодон ва мураббиён бояд андешаҳои тозаи педагогӣ дошта бошанд: камтар «лексия», бештар муколама, суҳбат, таҷриба, мушкилоту ҳалли онҳо.

Дар диссертатсия Сафарзода М.В. масъалаи омӯзишу таълими калонсолонро аз ҷанбаҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода, шаклу усулҳои нави таълими калонсолонро бо фаъолияти низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф нишон дода, роҳу усулҳои нави раванди таҳсилро пешниҳод кардааст.

Муаллиф мутмаин аст, ки омӯзиш бояд пайваста, муттасил ва дар тӯли тамоми ҳаёт бошад ва дар робита ба ин қайд кардааст, ки ҳайати кадрҳои муассисаҳо аксаран одамони калонсоланд ва омӯзиши онҳо бояд бо назардошти

синну сол, ҷанбаҳои иҷтимоию психологӣ, миллӣ, тағйироти дар ҷомеаи ҷаҳон баамалоянда ва дигар хусусиятҳои онҳо ба роҳ монда шавад. Мувофиқи ақидаи ӯ андрагогика ба рушди шахсият мусоидат карда, барои пайдо кардани мавқеи вай дар ҳаёт, дарк намудани дониш ва иттилооти зеҳнӣ-маърифатӣ ёрӣ мерасонад. Ӯ вазифаи андрагогикаро ҳамчун роҳнамои калонсолон барои рушди ҳамаҷонибаи маърифатию зеҳнии онҳо меҳисобад.

Дар ин росто муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле бамавқеъ ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки андрагогика пайдоиши низоми ҳамоҳангшудаи илмӣ ва мақоми ниҳоии худро ҳамчун яке аз илмҳои мустақили таълимӣ ҳанӯз ба пуррагӣ касб накарда, асосҳои назариявӣ ва методологии он натанҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар кишварҳои хориҷ низ ҳануз мавриди омӯзиш ва таҳқиқи васеъ қарор нагирифтааст. Довталаб зимни чунин андешаронихо муҳим ва мубрам будани мавзуи диссертатсияи худро бо гузориши мантиқии масъала ва таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ-назариявии он собит кардааст.

Зимни муайян кардани дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ муаллиф ба осори олимони тоҷик ва хориҷӣ такя намуда, моҳияти онҳоро кушодааст ва саҳми олимонро дар пайдоиш, таърих ва рушду инкишофи илми андрагогика мавриди таҳқиқот қарор дода қайд кардааст, ки таҳқиқоти олимон бобати ба низом даровардани маълумоту донишҳо дар соҳаи андрагогика ба кори илмӣ саҳми назаррас гузоштанд. Ӯ қайд мекунад, ки ҳанӯз ҳам баъзе самтҳои ин мавзуъ ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд ва яке аз чунин ҷанбаҳои камтар омӯхташуда, пеш аз ҳама, масъалаҳои марбут ба методҳо ва шаклҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мебошад.

Воқеан, ҷараёни таълими омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ҳангоми гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос беҳбудӣ меҳоҳад ва ба ҳамагон маълум аст, ки бе истифодаи методу усулҳои навини таълим, технологияҳои иттилоотию каммуникатсионӣ ва муносибатҳои нав (масалан, муносибати босалоҳият) самаранокии омӯзиши омӯзгоронро баланд бардоштан ғайриимкон аст.

Аз ин лиҳоз, муаллиф дар рисолаи худ асосҳои назариявӣ ва амалии омӯзиши калонсолон ва андрагогика, таҳияи механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳадафи асосии таҳқиқот қарор додааст, ки басо муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии эшон шаҳодат медиҳад.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Сафарзода Мунир Ватан арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ таҳқиқотҳои олимон оид ба назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии онро муайян ва коркард кардааст ва дар ин росто самаранокии амсилаҳои пешниҳодкардаашро оид ба ташаккули малакаҳои такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ собит сохтааст.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватанро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон медиҳад. Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи банда, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсинӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба

дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Негматов Садуллоҷон Эргашевич
«20» ноябри соли 2025

**Суроға:** 734025 ҶТ, ш.Душанбе, кӯчаи Пушкина, 44, ҳуҷраи 141.
**Тел:** (+992) 918-50-63-18.
**E-mail:** snegmasi22@gmail.com

Имзои профессор С.Э. Негматовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Шодихонзода